**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзӯи «Имконниятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, аз руйи ихтисоси: 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниход мешавад**

Симоилбеков Асрор Музофирович соли 2017 ба аспрантураи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев дохил шуда, ба иҷрои кори илмӣ ҷиддӣ мащғул шуда, мустақилона асарҳои муҳаққиқонро оид ба масъалаҳои назариявии мавзуъ омӯхта, аз сарчашмаҳои гуногуни илмию иттилоотӣ маводи таҳқиқиро ҷамъоварӣ намуд. Дар раванди кори илмӣ довтвлаби дараҷаи илмӣ 10 мақолаи илмиро ба табъ расонд, ки 4 мақола да нашрияҳои тақризшаванда аз чоп баромаданд.

Симоилбеков А.М. 2018 то ҳол дар вазифаи ассистенти кафедраи биоэкология ва туризми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, ҳамзамон аз моҳи сентябри соли 2019 аввал дар вазифаи муовини декани факултети биология ва аз моҳи августи соли 2022 ба сифати муовини сардори раёсати таълими Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул аст.ва роҳбарии худро Сатҳи дониш ва методҳои омӯзишии ассистент Симоилбеков А.М. ба стандартҳои таҳсилоти олӣ мувофиқат мекунад. Ӯ дар самти кори илмӣ фаъолияти пурсамар дошта, ҳамасола бо маърузаҳои ҷолиб дар кофронсҳои илмӣ-тадқиқотии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ фаъолона иштирок менамояд. Ҳангоми иҷрои кори диссертатсионӣ унвонҷӯ худро ҳамчун тадқиқотчии моҳир нишон дода, барномаҳои нақшаи корӣ ва тамоми супоришҳои роҳбари илмӣ ва раёсати илм ва иноватсияи донишгоҳро сари вақт ва бо маъсулияти баланд ба иҷро мерасонд. Пажуҳиши пурсамари илмӣ ба довталаби дараҷаи илмӣ имконият дод, ки натиҷаҳои аз таҳқиқоти диссертатсионӣ ба дастомадаро ҳаматарафа таҳлил ва шарҳ дода, истифода бурдани методҳои зарурии тадқиқотиро мустақилона муайян ва асоснок намояд.

Мубрамияти мавзӯи интихобгардидаи тадқиқоти диссертатсионии Симоилбеков А.М. аз он бармеояд, ки соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маркази диққати Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошта, ба талаботҳои бандҳои Шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси: 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мувофиқат менамояд.

Аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки асоснок намудани таҳқиқоти илмӣ-назариявии соҳаи сайёҳӣ, ноҳиябанди намудани ҳудуди минтақаи сайёҳии Бадахшон вобаста ба сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки соҳа, коркард ва пешниҳоди модели татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ, ки ба сайёҳии таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон нигаронида шудааст, аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани мушкилотеро, ки ба тараққиёти соҳаи сайёҳии минтақа халал мерасонанд ва роҳҳои самараноки ҳалли вазъияти ба амаломада бо истифода аз методҳои ҳозиразамони географӣ бо назардошти мушкилот ва афзалиятҳои стратегии сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди он дар ҳудуди ВМКБ то ҳол аз диди илмӣ баррасӣ нагардидааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки рисолаи пешниҳодшуда сохтори мантиқии хуб дошта мақсад ва вазифаҳои таҳқиқӣ дуруст тарҳрезӣ шуда, бо забони илмии фаҳмо омода гардида, пешниҳодҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд. Масъалаҳои дар диссертатсия таҳлилгардидаи муаллиф арзиши баланди илмӣ доранд. Диссертатсия дорои навгонии илмӣ буда, ҷанбаи пурқуввати методологӣ дошта, ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Истифодаи натиҷаҳои муҳими назариявию методологии дар диссертатсия мавҷуд буда, таклифу пешниҳодҳо ва хулосаҳо, инчунин арзёбии муқоисавии ҳолат ва дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ дар асоси иқтидори таърихию фарҳангии минтақаи сайёҳии Бадахшон имкон медиҳад, ки рушди минтақа бо назардошти ташкили минтақаҳои махсуси иқтисодии сайёҳӣ ба нақша гирифта шуда, пешгӯӣ карда шавад.

**Навоварии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки бори нахуст усулҳои ташкиливу иқтисодии баланд бардоштани ҷолибияти сарватҳои таърихию фарҳангии ВМКБ таҳия гардидааст. Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои асосии зерин, ки навоварии илмии кори диссертатсиониро ташкил менамояд, ба даст оварда шудаанд:

- бори аввал дар диссертатсия дар шароити минтақаи кӯҳистон назария ва асосҳои ташкилии фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ омӯхта шуда, объектҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон ҳамчун манбаи потенсиалии сайёҳӣ, нақши онҳо дар рушди сайёҳии кишвар тавсиф карда шуданд;
- дар асоси тафриқаи ҳудуд аз рӯи мавҷудияти сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва дараҷаи мусоид будани ҳудуд ва минтақаи омӯзиши соҳаи сайёҳӣ ба ноҳияҳои алоҳида ҷудо шуда, масъалаҳои асосии рушди он дар қаламрави минтақа таҳлил ва муайян карда шудааст;

- ареалаҳои асосии рушди босамари сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар минтақаи омӯзишӣ муайян шуда, дар асоси таҳлили мушкилот ва афзалиятҳои стратегии сайёҳӣ самтҳои афзалиятноки рушди соҳа, иқтидори сайёҳии минтақа ва роҳҳои идоракунии самараноки фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ муайян карда шудааст.

- дар диссертатсия дар асоси омӯзиши равишҳои методологии осори таърихию фарҳангии минтақа модели мувофиқи ташкилию иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ки омӯзиши он ба баланд бардоштани самаранокии ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, оид ба паҳлӯҳои гуногуни он пешниҳоду тавсияҳо манзур гардидаанд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, таваҷҷуҳи махсусро арзёбиҳои муаллифи рисола оид ба таҳлили муаммоҳои ҷойдошта ва имкониятҳои ҳал намудани онҳо ишғол менамояд.

Хулоса ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи илмию амалӣ бо далелу рақамҳои асоснок омода шудаанд. Дар маҷмуъ рисола аҳамияти илмӣ ва назаривию амалиро дорост ва кори илмӣ-тадқиқотии баитмомрасида ба ҳисоб меравад.

Рисолаи номзадии Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзӯи: «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, аз руйи ихтисоси: 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**
д.и.б., профессор
мудири шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ
ва илмӣ-педагогии ДДХ ба номи М. Назаршоев
**Мамадризохонов А.А.**

**Имзои Мамадризохонов А.А.-ро**
**Тасдиқ менамоям:**
СРКК ва КМ ДДХ ба
номи М. Назаршоев **Саидраҳмонов Н.С.**